**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна «Мирзо Олимҷони Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои 18 – 19» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01. 01 – Адабиёти тоҷик

Автореферати диссертатсияи номзадии Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ ва муносибат ба он дар улумиичтимоии тоҷик тамоман нав буда, аз аҳаммияти илмӣ ва амалӣ хуб бархӯрдор аст. Бахусус, дар замони муосир барои омӯзиши масъалаҳо ва мероси адабии камомӯхти гузаштагонамон шароити мусоид фароҳам омадааст. Аз ҷумла, рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷони Ҳасрати Ҳисорӣ ба таҳқиқи ҳаматарафаи ҷудогона дорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи рӯзгор ва мероси адабии ин шоир ва муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои 18 – 19 метавонад дар шинохти бештари фарҳанг ва адабиёти тоҷик дар ин минтақа мусоидат намояд. Масъалаи пайдоиши донишҳои сотсиологӣ дар журналистика, ташаккули муносибатҳои сотсиологӣ дар матбуоти даврӣ, дараҷаи корбасти усулҳои сотсиологӣ дар нашрияҳои даврии алоҳида бори аввал дар контексти илмӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад, ки он аз навгонии диссертатсия дарак медиҳад.

Дар пажӯҳиши мавзӯъ муҳаққиқ қонунмандиҳои кори илмиро ба худ дастур намуда, раванди таҳқиқро дар муқаддима, се боб ва хулосаву феҳрасти адабиёт ба шакл даровардааст, ки дар маҷмӯъ паҳлуҳои гуногуни масъаларо фаро мегиранд. Бобу фаслҳо баҳамдигар алоқаманд буда, аз ҷиҳати сохт ва мазмун якдигарро пурра мекунанд. Дар баробари омӯзишу таҳқиқи мазмуну мундариҷаи идеявӣ ва сабки ашъори шоир Мирзо Олимҷони Ҳасрати Ҳисорӣ муаллифи диссертатсия ҷойгоҳи муҳити адабии ин минтақаро дар таърихи адабиёти тоҷик муайян кардааст.

Боби аввал «Муҳити сиёсию адабии води Ҳисор дар асрҳои 18 – 19» ном дошта, вобаста ба талаботи кор ба ду фасл ҷудо шудааст. Дар фасли аввал дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва ҷуғрофии

асрҳои миёна ва асарҳои таҳқиқотии донишмандони муосир, вазъияти сиёсию иҷтимоии ва адабии асрҳои номбурдаи минтақаи мазкур ва шаҳрҳои сафаркардаи Мирзо Олимҷони Ҳасрати Ҳисорӣ нишон дода шудааст. Муаллиф ҳамчунин дар алоқамандӣ ба мавзӯъ ҳавзаҳои адабии минтақаҳои ҳаммарз ба водии Ҳисорро низ чашмандозӣ кардааст.

Аз пажӯҳиши диссертант бармеояд, ки дар фасли дуюми боби аввал, ки "Шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии ин давра" ном дорад, ба ашъори ҳамасрони шоир ва махсусиятҳои адабиёти ин давра таваҷҷуҳ шудааст. Ҳар яке аз ин самтҳо бо назардошти вижагиҳои умда ва хос таҳқиқ шудааст, ки аз доираи васеи мавзӯъро фаро гирифтани муаллифи диссертатсия дарак медиҳад.

Боби дувуми рисола «Шарҳи ҳоли Мирза Ҳасрат ва мероси адабии ӯ» унвон гирифта, низ аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб дар такя ба сарчашмаҳои мутамади адабию таърихӣ ва девони шоир зиндагинома ва аҳволи шоир мариди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф тавонистааст, ки аз иҷрои вазифаҳои наздаш гузошташуда бароянд.

Мавриди зикр аст, ки муҳаққиқ маводи зиёдеро таҳқиқу таҳлил намудааст. Ғановатмандии маводи таҳқиқ, аз як тараф, доманаи васеъ доштани мавзӯъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар дақиқкории муаллифи диссертатсияро бозгӯйӣ мекунад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна «Мирзо Олимҷони Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои 18 – 19» мазмуни асосӣ ва мухтасари рисоларо бо назардошти омилҳои сохториву мундариҷавӣ дар бар гирифта, доир ба мавзӯи тадқиқот маълумоти дақиқи илмиро фаро гирифтааст. Тарзи масъалагузорӣ, таҳлил ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи маводи фаровони марбут ба мавзӯъ, факту далеҳои мушаххас ва музокиraронихои илмиву мантиқӣ шакл гирифта, хулосаи ниҳоӣ муҳтавои умумии диссертатсияро ифода мекунад.

Дар баробари ин, дар автореферати диссертатсиябаъзе камбудиҳо ба мушоҳида расид, ки ба инобат гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад шуд.

Аз ҷумла, дар автореферати диссертатсия бобҳои якуму дуюм камтар шарҳ дода шудаанду боби сеюм муфассалтар. Шояд ин табиати кор бармеояд, аммо ба ҳар ҳол таносуби шарҳи бобҳо дар автореферати диссертатсия риоя мешуд, арзиши автореферат боз ҳам баланд мегардид.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна «Мирзо Олимҷони Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои 18 – 19» тамоми ҷанбаҳои мавзӯи тадқикро фаро гирифта, кори анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферат бо тамоми хусусият ва нишондодҳояш ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Адабиёти тоҷик шоистамебошад.

Сангин Гулов,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ

Имзои Гулов Сангинро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.